# ТАҚРИЗИ

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Бобораҷабова Гулноза дар мавзӯи "Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ" барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик, Душанбе, 2019.**

Таҳқиқ ва баррасии масъалаи чеҳранигорӣ дар адабиётшиносии муосири тоҷик собиқаи наонқадар тӯлонӣ дорад. Агар ба таърихи ин усули таҳқиқ ва тасвир амиқтар назар андӯзем, маълум мегардад, ки дар пайдоиш ва ташаккули он устод Айни бо осори гаронқадри худ асос гузоштааст. Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ соли 1983 дар сарсухани китоби "Сухан аз устодон ва дӯстон"-и Раҳим Ҳошим ба шинохти илмии ин масоили муҳими адабиётшиносӣ асос гузошт. Чунин тарзи офариниширо устод Мущаммадҷон Шакурӣ "портрети адабӣ" номгузорӣ намуда, саҳми устод Айниро дар ташаккули ин навъи адабӣ чунин тасвир намудааст: "Дар адабиёти советии тоҷик аввалин портрети адабӣ Садриддин Айни буд. Айнӣ ин жанрро хусусан дар "Ёддоштҳо" хеле такмил дод. Дар портретҳои ӯ, ки дар "Ёддоштҳо" омадаанд, симои хусусӣ, эҷодӣ ва ҷамъиятии як идда адибони охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ (Аҳмади Дониш, Ҳайрат, Савдо, Садри Сарир) ва ҳамсуҳбатони ӯ хеле барҷаста тасвир шудааст. Ҳамаи инҳо портрети адабӣ бояд донист, зеро муаллифи он одатан бештар фактҳое, ки худаш шоҳиди онҳо буд, такя мекунад".

Дар ҳақиқат, "портрети адабӣ"-и устод Айни дар шинохти симоҳои барҷастаи илму адаб аҳамияти бузурги илмиву адабӣ дорад. Раҳим Ҳошим дар "портрети адабӣ"-и худ "хислатҳои хусусӣ сифатҳои инсонӣ ва қиёфаи ҷамъиятӣ"-и устод Айнӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Абдулқосими Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Аҳмадҷонӣ Ҳоидӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Бахром Сирус, Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва дигаронро хеле назаррас ва барҷаста ифода намудааст.

Солҳои охир донишманди маъруфи тоҷик Абдураҳмон Абдуманон таҷрибаи эҷодии устод Айни ва Раҳим Ҳошимро аз нав мавриди таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ қарор дода, ин навъи адабиро "мусавварахои эҷодӣ" ё " усули чеҳранигорӣ" унвонгузорӣ намудааст. Абдураҳмон Абдуманон чандин солҳо бо устод Муҳаммадҷон Шакурӣ ва Раҳим Ҳошим дар Институти забон ва адабиётиба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ, ин навъи адабиро дар маҷмӯаҳо "Фурӯги чеҳраҳо" ва "Ламҳае ба роҳи рӯзгор" идома дода, онро то ба анъанаи адабӣ расонидааст.

**Муаллифи** рисолаи мазкур Бобораҷабова Гулнора консепсияи **шахсият ва ҳунари** чеҳранигориро дар осори устод Садриддин Айниро **мавриди пажуҳиш** қарор дода, чунин менигорад: “Дар ин робита шахсият симои наҷибу ҷовидона консепсияи эҷодӣ ва густорҳои ҳунарии устод С.Айни тимсоли барҷастаи ҳунари нависандагӣ, завқу андеша ва тафаккури бадеӣ аст, ки барои ҳувият ва худшиносии миллӣ заминаи боэътимод гузоштааст”.

Дар ҳақиқат, устод Айни ва осори гаронқадри ӯ таҷассуми бадеии воқеияти даврон муайяни таърихӣ ва марҳилаи ҳассоси сарнавишти таърихии халқ буда, моҳияти андешаи муаллиф махсусияти ҷустуҷӯҳои бадеиро дар қаринаи таърихиву фарҳангӣ таҷассум намудааст. Аз ин рӯ, интихоби осори устод Айни дар татбиқи масоили консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дуруст ва дорои аҳамияти барҷастаи илмӣ мебошад.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки дараҷа ва савияи идроки муаммои ҳунари чеҳранигориро дар осори бадеии С. Айни мавриди пажӯҳиш қарор дода, паҳлӯҳои ҷудогунаи тафаккури бадеии нависандаро аз назари шинохти арзишҳои миллӣ тадқиқ намояд.

Рисола аз муқаддима се боб, шаш фасл, хулоса ва китобнома иборат буда, тамоми бобу фаслҳои он тибқи муқаррароти расмӣ, аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ муайян шудааст, мураттаб гардидааст. Дар фишурдаи рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасад, киислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати пажӯҳишӣ мазкур хоҳад шуд.

1. Баъзе номутобиқатӣ ва номуназзамӣ дар матни тоҷикӣ ва русӣ роҳ дода шудааст.

2. Дар бахши “Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ” бояд саҳми Раҳим Ҳошим ва Абдураҳмон Абдуманон дар шинохт ва таҳқиқи амалии масъалаи чеҳранигорӣ нишон дода мешуд.

3. Ба назари мо, унвони баъзе бобҳо ба моҳияти тадқиқот мутобиқат намекунад.

4. Ба назари мо барои таҳқиқи мавзӯи рисолаи мазкур маводи “Ёддоштҳо”-и устод Айни кифоя буд. Мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор додани осори илмӣ ва бадеии устод Айнӣ кори рисоларо як кадар мураккаб намудааст.

5. Дар рисола дар баробари симои Аҳмади Дониш, бояд саҳми устод Айниро дар муаррифии чеҳраи адабии Садри Зиё ва ҳамқаламони ӯ нишон дода мешуд.

Нуқсонҳои ҷузъии ишорашуда ҳеч гоҳ сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтани онҳо боиси такмил ёфтани моҳияти илмии тадқиқоти мазкур хоҳад гашт.

Умедворем, ки ин рисола ба сифати як асари тадқиқотиву таҳқиқӣ дар мавзӯи адабиётшиносӣ барои муҳаққиқини соҳаи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, назмшиносӣ ва каломи бадеъ судманд ва ҷиҳати боз ҳам дақиқ омӯхтану баррасӣ намудани ин равандҳои адабӣ мусоидат хоҳад кард.

Рисолаи Бобораҷабова Гуноза таҳти унвони “Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Сариддин Айнӣ” ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта , комилан ба меъёри рисолаи номзадӣ мутобиқат буда, ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**мудири кафедраи забони тоҷикии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Одинаев Нурмахмад Сафарович**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.**
**E - mail: odinaievn@mail.ru**
**Сомонаи муассиса: www.tut.tj**
**Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.**
**Факс: (+992-37) 2-34-49-88.**

**Имзои мудири кафедраи забони тоҷикӣ**
**Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Бухориев Н.А.**
**6.12.2019.**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН · ТАДЖИКСКИЙ ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ · ШУЪБАИ КАДРҲО · ОТДЕЛ КАДРОВ